


# Дастур

## барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмак дар гузаронидани корҳои барқароркунии аввал

Федератсияи Байналхалқии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар

## Барномаи глобалии кории Федератсияи байналхалқӣ (2006-2010)

Ду соли охир кӯшиши дастҷаъмонаи Федератсия барои бадастоварии мақсадҳо ва бартариҳои зерин равон карда мешаванд:

**Мақсадҳо**

**Ҳадафи 1:** Камкунии шумораи маъюбон, ҳолатҳои фавт ва камкунии зарари офати табиӣ

**Ҳадафи 2:** Камкунии шумораи ҳолатҳои фавт, таъсири бемориҳо ва ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ

**Ҳадафи 3:** Беҳтаркунии иқтидори ҷомеа, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар барои ҳалли ҳолатҳои фаврӣ вобаста қисмҳои алоҳидаи аҳолии озордида

**Ҳадафи 4:** Мададрасонӣ барои эҳтироми гуногунакидагӣ, эҳтироми қадру қимат, камкунии доираи оштинопазирӣ, маҳдудкунии ҳуқуқ ва ҷудогузории иҷтимоӣ

**Бартариҳо**

Мустаҳкамкунии иқтидори маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналхалқии ташкилоти мо бо мақсади андешидани чораҳои ҷавобӣ дар пайдошавии офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ.

Васеъкунии доираи фаъолият бо ҷомеаи озордида дар бахши мустаҳкамкунии сиҳатии омма, пешгирии бемориҳо ва коҳиши хавфи пайдошавии офатҳои табиӣ

Фаъолгардонии саъю кӯшиш дар бобати тартиби барномаҳо дар мавзӯи ВИЧ ва фаъолияти иттилоотӣ-таблиғотӣ

Аз нав барқароркунии фаъолияти иттилоотӣ-таблиғотӣ дар масаълаҳои бартарии башардӯстӣ, алалхусус дар бахши мубориза бо оштинопазирӣ, муҳокимаи оммавӣ, маҳдудкунии ҳуқуқ ва мададрасонӣ дар коҳиши хатари пайдошавии офатҳои табиӣ.

## Барномаи “Қонунҳо, қоидаҳо ва принсипҳои расонидани кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ (IDRL)

Мақсади барномаи Федератсияи Байналхалқии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар “Қонунҳо, қоидаҳо ва принсипҳои расонидани кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ“ (IDRL) камкунии шумораи одамони зарардида тибқи мададрасонӣ омодагии ҳуқуқӣ ба ҳолатҳои фавқулодда тавассути амаликунии фаъолияти иттилотӣ-таблиғотӣ, кӯмаки техникӣ, гузаронидани омӯзиш ва тадқиқот мебошад.

Федератсияи Байналхалқии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, Женева, 2008

Тайёркунии нусхаи пурра ё қисми ҳуҷҷати мазкур бо мақсади ғайритиҷоратӣ бо шарти нишондоди манбаъ истифода шавад. Федератсияи байналхалқӣ миннатдор аст, агар Федератсияро аз мақсади истифодабарии ҳуҷҷати мазкур огоҳ намоед. Дархости иҷозати истифодабарии ҳуҷҷати мазкурро бо мақсади тиҷорат ба Федератсияи байналхалқӣ бо суроғаи idri@ifrc.org равон кунед.

Расми болои муқова: Вина Агустина / Федератсияи байналхалқӣ

Федератсияи Байналхалқии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар

P.O. Box 372,1211 Geneva 19, Switzerland (Швейтсария)

Тел: + 41 22 730 4222

Факс: + 41 22 733 0395

Пустаи электронӣ: idri@ifrc.org

Веб-сайт: www.ifrc.org.idri



## Муқаддима

Вақте ки ҳолати фавқулоддаи калонҳаҷм ба вуқӯъ меояду даъват барои кӯмак шунида мешавад, таваҷҷӯҳи тамоми ҷаҳон барои ба таври ҳақонӣ маълумкунии мӯҳтоҷияти одамони зарардида ва кӯшишҳо барои ҳар чи зудтар расонидани кӯмаки хӯрока, доруворӣ ва дигар ловозимот ҷалб мешавад. Ҷанбаи ташкил ва идоракунии расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ, хело кам дар маркази таваҷҷӯҳ қарор мегирад, аммо барои бомуваффақият амаликунии ин чорабиниҳо аҳамияти хело заруранд.

Ҳукуматҳо бояд барои ҳалли масъалаҳои марбут ба идоракунӣ ва амаликунии вобаста ба қабули кӯмакҳои байналхалқӣ метавонанд, хубтар тайёр бошанд. Конфронси 30-юми байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ки моҳи ноябри соли 2007 доир гардид, дастгирии амалии худро дар қабули Дастур барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда дар амаликунии корҳои барқароркунии аввал расонид.

Агар пешниҳодҳои дар Дастур бо пуррагӣ амалӣ шаванд, ин то андозае ба самара ва сифати амалиёти расонидани кӯмакро ҳангоми ҲФ беҳтар мекунад, мавқеъ ва вазифаҳои иштирокчиёни амалиётро аниқтар маълум менамояд. Мутобиқи ӯҳдадориҳои дар Конфронси байналхалқӣ гирифтаи Ҳукуматҳо Дастури мазкурро ҳаматарафа бо мақсади таҳлилу тақвиятбахшии сохтори идоракунӣ ва амаликунии то ба вуқӯъ омадани ҳолати фавқулоддаи дигар истифода баранд. Федератсияи байналхалқӣ ва Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмари ба он дохилшуда дар ҳамкорӣ бо дигар ҳамкоронашон дар партави иттиҳоди башарӣ, омодаанд кӯмаки худро пешниҳод намоянд.

**Маркку Нискала,**
*Котиби генералӣ*

**Мундарича**


Пешгуфтор ........................................................ 3

1. Дастур ............................................................ 4
2. Таърихи Дастури мазкур ..................................... 4
3. Зарурияти Дастури мазкур .................................. 4
4. Қисматҳои асосии Дастури мазкур ........................ 5
5. Тарзҳои истифодаи Дастури мазкур ..................... 6
6. Маълумоти иловагӣ аз куҷо бояд гирифт .............. 7

**Дастури барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда дар амаликунии корҳои барқароркунии аввал........................................................................................ 8**

Қисми1: Вазифаҳои асосӣ................................................................. 12

Қисми 2: Саривақт хабардоркунӣ ва тайёр будан ........................... 13

Қисми 3: Ташаббус ва қатъкунии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ ва корҳои аввалияи барқароркунӣ............................................. 14

Қисми 4: Ҳуқуқ барои гирифтани имтиёз ......................................... 15

Қисми 5: Имтиёзҳои шартии воридшавӣ ва гузаронидани амалиёт...........................................................................16


**Қарори 4 Конфронси 30-юми байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар оид ба қабули Дастур барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда дар гузронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал (ноябри соли 2007)**



# Сарсухан

Даҳсолаҳои охир дар бисёр мамлакатҳои дунё пешравиҳои назарасе дар бобати мустаҳкамкунии имкониятҳои дошта оид ба вокуниш ва сабукгардонии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда дида мешаванд.  Воқеан баъзе офатҳои табиӣ бавуқӯъ омада захираҳои дохилии давлатҳоро хароб мекунанд. Мутаассифона, дар бисёр мавридҳо тағйирёбии боду ҳаво дигаргуншавии иқлим ва гармшавии глобалӣ барои зиёдшавии шумораи одамони дар ҷойҳои хавфнок зинадгӣ мекардагӣ, мусоидат мекунанду ин солҳои наздик ва дур идома меёбад. Дар чунин ҳолатҳо барои расонидани кӯмаки башардӯстона барои аҳолии зарардида аз ҲФ ҳамкорӣ дар сатҳи байналхалқӣ зарур аст.

Ҳолатҳои фавқулоддаи ба вуқӯъ омада нишон доданд, ки ягон мамлакати дунё бовари комил надорад, ки дар баъзе ҳолатҳо ба кӯмаки байналхалқӣ муҳтоҷият надошта бошад.

Чӣ тавре ки тӯфони “Катрина” соли 2005 нишон дод,  ҳатто мамлакатҳои бойтарини дунё баъзан ба кӯмаки байналхалқӣ ниёз доранд.

Мутаассифона, хело кам давлатҳо дар сатҳи зурурӣ ба чунин ҳолатҳо омодаанд, ки кай онҳо ба кӯмаки байналхалқӣ ниёз доранд. Натиҷаи муносибати хунукназарона ба кор, вақто ки мӯҳтоҷият ба чунин кӯмак пайдо мешавад, маълум мегардад.

Аз ҳад зиёд батартибоварии як бахш ба мушкилоти нодаркории расмиятпарастӣ, суст воридшавӣ ва тақсимоти кӯмакро дар мамлакат дар ҳамон вақт батаъхир мегузорад ва набудани ҳамоҳангӣ дар дигар бахшҳо ба сифати паст ва амалиёти бемувофиқагӣ оварда мерасонад.

Ин душвориҳо барои зиёдшавии шумораи гуногунии субъектҳои байналхалқӣ, ки хоҳиши расонидани кӯмакро дар бартарафкунии оқибатҳои ҲФ калонҳаҷм пешниҳод мекунанд, дучанд мешаванд.

Дар чунин ҳолатҳо Ҳукуматҳои натайёр бо як қатор душвориҳои идорӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва ҷонибҳои кӯмакрасонанда ноумедиро дар шакли манъкунии нодаркор ва хароҷоти зиёдати эҳсос мекунанд. Воқеан аз ҳама зиёдтар одамоне, ки тартиби ҳаёти онҳо дар натиҷаи ҲФ тамоман вайрон шудаасту ба кӯмаки босамараи фаврӣ ниёз доранд, ранҷ мебаранд.

Барои ҳалли ин проблемаҳо Федератсияи байналхалқии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар бо Ҳукуматҳои бисёр давлатҳо ва мутахассисони соҳаи расонидани кӯмаки башардӯстона бо мақсади тартибдиҳии Дастур барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда дар амаликунии корҳои барқароркунии аввал (Дастур) машварат гузаронид.

## 1. Дастури мазкур

Дастури мазкур ҷамъи пешниҳодҳо барои Ҳукуматҳо роҷеъ ба тайёркунии қонунгузориҳою нақшаҳо вобаста ба ҳолатҳои фавқулодда, нисбати масъалаҳои умумии идоракунии амалиёти расонидани кўмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ мебошад. Дастури мазкур ба онҳо иттилоъ медиҳад, ки нисбати зарурияти риояи стандартии ҳаддиаққали сифат ҳангоми расонидани кўмаки башардўстона, инчунин нисбати имтиёзҳо барои ҷониби кўмакрасону самаранокии фаъолияташон заруранд. Дастури мазкур ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии байналхалқии феълӣ асос мегираду ҷавоб ба мушикилиҳои имрўза мебошад.

## 2. Таърихи дастури мазкур

Федератсияи Байналхалқии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар соли 2001 барои амаликунии барномаи "Қонунҳо, қоидаҳо ва присипҳои расонидани кўмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ" (IDRL) бо мақсади чӣ тавр манобеи ҳуқуқӣ барои беҳтаркунии расонидани кўмак ҳангоми ҲФ мусоидат мекунад, шурўъ кардааст. Федератсия дар доираи барномаи мазкур маълумотҳоро оид ба ҳуқуқҳои миллӣ ва байналхалқии феълӣ ҷамъ оварда, барои баррасӣ зиёда аз даҳҳо ҳодисаҳои мушаххаси мамолики дунё бо иштироки тарафҳои манфиатдор машварати васеъ дар масъалаҳои марбут ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ҳангоми амаликунии амалиёти расонидани кўмак дар вақти ҲФ рў ба рў шудаанд, доир намуд.

Соли 2003 конфронси 28 –уми байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ки давлатҳо-иштирокчиёни Муоҳидаҳои Женева ва қисматҳои Ҳаракати байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар иштирок доштанд, ин бахши фаъолиятро маъқул пазирифта, Федератсияро барои ҳамкорӣ бо ҳамкорон даъват намуд, то ки "дастури амалан истифодакунӣ вақти амаликунии фаъолияти расонидани кўмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ" тартиб дода шавад.

Дар соли 2006-2007 Федератсия бо ҳамкоронаш маҷлисҳои минтақавӣ дар сатҳи баланд доир карданд, ки натиҷааш тартиби Дастури мазкур мебошад. Дар ин маҷлисҳо 140 давлат, 140 Ҷамъиятҳои миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, 40 ташкилоти байналхалқӣ ва соир ТҒҲ иштирок карданду барои тартиби лоиҳаи Дастури мазкур мусоидат карданд.

Моҳи ноябри соли 2007 дар конфронси 30 –юми байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар Дастури мазкур аз ҷониби намояндагони Давлатҳо ва намояндагони Ҷамъиятҳои Салиби Сурху Ҳилоли Аҳмар қабул гардид.

## 3. Зарурияти дастури мазкур

Зарурияти Дастури мазкур он аст, ки бисёри Давлатҳо Қонуни махсусро роҷеъ ба ташкил ва идоракунии кўмаки байналхалқии башарӣ надоранд. Натиҷааш душвориҳои зайл мебошанд:

**а. Кашолакориҳои бемаъни**

- Монеа ва мавқуфгузори мавод ва таҷҳизотҳои барои расонидани кўмак муқаррар гардида, ҳангоми муоинаи гумрукӣ
- Боҷ, пуландозӣ ва дигар андозҳо барои маводи барномаи расонидани кўмак
- Душворӣ ва мавқуфгузорӣ ҳангоми гирифтани раводид ва иҷозат барои кормандони ташкилотҳои дар расонидани кўмак иштирок мекардагӣ
- Душвориҳо дар гирифтани эътирофи расмии ихтисоси касбии корманд-мутахассиси хориҷӣ (алалхусус кормандони тиб)
- Душвориҳо роҷеъ ба бақайдгирии расмии ташкилоти башардўстонаи байналхалқӣ, ки монеаҳо барои кушодани суратҳисоби бонкӣ ва қабули кормандони маҳаллиро пеш меоранд.

**б. Гайриқаноатбахшии сифат ва ҳамоҳангии фаъолият аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқии кӯмакрасон**

- Овардани маводи нодаркорӣ ва гайримақсад барои расонидани кӯмак
- Беқобиляти дар ҳамоҳангсозии фаъолият бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ҷонибҳои кӯмакрасон
- Истифодабарии кормандони омӯзиши кофӣ надошта
- Набудани машварат бо кӯмакгирандагон
- Ғайриқабули тарзи кор аз нуқтаи назарӣ маданӣ ва урфу одат
- Прозелитизм (ҷалбкунии тарафдорон)

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар вақтҳои ба вуқӯъ пайвастани ҲФ калонҳаҷм, ташкили қоидаю сохторҳои нав барои ҳалли чунин душвориҳо мувофиқ нестанд. Дастури мазкур барои мадади Ҳукуматҳо пешниҳод мешавад, бояд то давраи бавуқӯъпайвастани ҳолати фавқулодда омодагӣ дошта бошанд.

## 4. Қисматҳои асосии дастури мазкур

**а.Вазифаҳои асосӣ ба души сохторҳои маҳаллӣ**

Дастури мазкур эътироф мекунад, ки қонеъгардонии талабот барои расонидани кӯмаки башардӯстонаи дар натиҷаи ҳолати фавқулоддаи дар дохили мамлакат ба вуқӯъ омада, вазифаи асосӣ ва аввалиндараҷаи давлати зарардида мебошад. Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва соир намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии маҳаллии давлати зарардида нақши мададрасониро ичро мекунанд. Кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ ҳамчун ҷидду ҷаҳди иловагӣ барои сохторҳои маҳаллӣ бояд банақшагирифта шаваду амалӣ гардонида шавад, на аз он ки онҳоро иваз намояд.

**б.Вазифаҳои тарафайни кӯмаки байналхалқӣ расонанда**

Дастури мазкур таъкид мекунад, ки тарафҳои кӯмаки байналхалқии башардӯстона расонанда барои риояи ҳадди аққали стандартҳои инсондӯстӣ вақти расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ масъул бошанд. Ба инҳо принсипҳои башардӯстӣ, бетарафӣ, беғаразӣ ва инчунин ҳадди аққалӣ ҳамоҳангсозии фаъолият ва сифати маводи кӯмаки башарӣ, кормандон ва барномаҳо дохил мешаванду аз ҳуҷҷатҳои Одобномаи кормандони Ҳаракати байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Ахмар ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ расонандаи кӯмак ҳангоми офатҳои табиӣ, фалокатҳо (садамаҳо) ва Хартияи инсондӯстию стандартҳои ҳадди ақалли расонидани кӯмак ҳангоми офатҳои табиӣ, зидиятҳо ва ҳолатҳои фавқулодда, китоби “Сфера” бар меоянд.

**в.Ба тарафаҳои кӯмаки байналхалқӣ расонанда имтиёзҳо бояд бошанд**

Дар Дастури мазкур намудҳои имтиёз-шароитҳо мушаххас муайян карда шудаанд, ки Давлат барои давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқии кӯмакрасон барои самаранок амаликунии фаъолияти кӯмаки башардӯстона муҳайё созад. Дастури мазкур, масалан, устуворона пешниҳод менамояд.

- Таъмини тезонидани гирифтани раводид барои ашхоси кӯмаки башарӣ расон ва муоинаи гумрукии мавод ва таҷҳизотҳо
- Ташкили шароитҳои мусоид барои бори кӯмакро кашонидан
- Озодкуни аз боҷ, пуландозӣ ва дигар андозҳо фаъолияти кӯмакрасониро
- Ҷорикунии расму қоидаҳои соддатарини гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ барои ташкилотҳои башардӯстӣ, то ки шароити қонуни амаликунии фаъолиятро дар мамлакат дошта бошанд.

Дар қисмҳои дигари Дастури мазкур тафовути байни “кӯмак ҳангоми ҲФ” ва “гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаҳои аввал” оварда мешаванд. Барои қисмати аввали кӯмакрасонӣ эътинои фаврӣ моҳияти аввалиндараҷаи зарурӣ дорад, нисбати қисми дуюм. Дастури мазкур аз Давлатҳо даъват



менамояд, монеаҳои ҳуқуқиро нисбати кӯмаки башардӯстонаи аз ин Давлатҳо фиристода мешавад ё аз ин Давлатҳо ба Давлати зарардида мегузарад душворие пеш наоранд.

**г.Баъзе имтиёзҳо дар шароитҳои муайян пешниҳод шаванд**

Бо мақсади ҳиси масъулият алалхусус бо дарназардошти хусусиятҳои ташкилотҳои башардӯсти расонандаи кӯмак Дастури мазкур барои Ҳукуматҳо (бо ҳамон дараҷаи ҳуқуқи баналхалқӣ иҷозат медиҳад) пешниҳод менамояд, ки барои ин ташкилотҳо бо шарте ки тарафдори стандартҳои ҳадди аққали дар боло нишон дода шуда ва таъмини иҷрои ин меъёрҳоянд, имтиёзҳо пешниҳод намоянд.

Дастури мазкур нишон медиҳад, ки инро бо роҳҳои гуногун метавон пешниҳод кард, масалан, тавассути расму қоидаҳои бақайдгирии соддатар, нафақат чунин имконият баъди бавуқӯъ омадани ҲФ, балки қаблан бо андешидани чораҳои тайёр Далати имтиёзҳо пешниҳодкунанда фаъолияти ташкилотҳои бақайдгирифтаро бо риояи иҷрои стандартҳои пешниҳодшуда метавонад назорат кунад.

## 5. Чӣ тавр Дастури мазкурро истифода бурд

Дар Дастури мазкур гуфта мешавад, ки баъзе Давлатҳо барои ширкатҳои хусусии кӯмаки башардӯстона расонанда ҳангоми ҲФ метавонанд имтиёзҳо пешниҳод кунанд.

Дар чунин ҳолатҳо пешниҳод мешавад, ки иҷрои стандартҳоеро, ки барои ташкилотҳои башардӯстӣ пешниҳод шудаанд, риоя кунанд. Дастури мазкур ҳеҷ як монандии шартро дар гирифтани имтиёзҳо дар муносибати кӯмакрасонии як Ҳукумат ба Ҳукумати дигар ба имкониятҳои истифодабарии воситаҳои дипломатии алтернативӣ ҳалли масъалаҳо, нисбати сифат ва ҳамоҳангсозии фаъолият пешниҳод намекунад.   аз онҳо

**Ҳукумат**

- Қонунгузорон ҳангоми тартиби қонунҳои вобаста ба идоракунии ҲФ метавонанд, аз Дастури мазкур истифода кунанд.
- Вазоратҳои дахлдор Дастури мазкурро асос барои тартиби Қарорҳои иҷроия оид ба қабули санадҳои ҳуқуқӣ, қоидаҳо ва нақшаҳо метавонанд истифода баранд.
- Ҳокимияти иҷроия вакти тартиби меъёрҳои муваккати ҳангоми эълони ҲФ мутобики ваколати фавкулодда аз Дастури мазкур истифода баранд.

- Ҳукумат Дастури мазкурро хамчун асос барои тартиби щартномахои дутарарфа метавонад истифода барад.

**Ташкилотҳои башардӯстӣ**

- Ташкилотхои башардусти хангоми тартиби шартномахо ва меморандумхо оид ба ахду паймон бо Хукуматхо метавонанд Дастури мазкурро асос гиранд.
- Онхо метавонанд Дастурро чун рахнамо барои мухокимаи хукук ва вазифахо истифода баранд, дар холате ки гузаронидании амалиётро то аз бастани шартнома бояд шуруъ намоянд
- Онҳо метавонанд, ин Дастурро ба сифати руйхати санчишии имкониятпазири масълахои хукуки, ки дар холати омода будан, дар арафаи амалиёти расонидани кумак дар ХФ истифода баранд.

**Ташкилотхои минтакавии байнихукумати**

- Ташкилотхои минтакави метавонанд, дар аснои тартиби шартномахо ва кодахои кории стандарти бо максади созмондихии расонидани кумаки воридшаванда байни аъзохояшон тавассути сархад ба Дастури мазкур такя намоянд.

Маълумотхои иловагиро метавонед аз веб-сайти Федератсия www.ifrc.org\idrl: дастрас намоед.

## 6. Маълумоти иловагиро аз кучо бояд гирифт

**а. Эзоҳ**

Дар чараёни тартиби Дастури мазкур аз чониби Федератсия як қатор тавзеҳот пешниҳод гардида буд. Ин тавзеҳот ба ҳуқуқҳои байналхалқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ такя мекунанд, ки дар қисматҳои гуногуни Дастури мазкур дарҷ шудаанд. Онҳо маводи махсусеро ворид кардаанд, ки барои Ҳукуматҳо вақти тартиби Қонунҳои нав ва муайянкунии сиёсат кӯмаки беандоза доранд. Ин тавзеҳот инчунин оид ба истифодаи самараноки мазмуни пешниҳодҳои Дастурро шарҳ медиҳад.

**б. Таҳлили тадқиқот ва баррасии ҳодисаҳои мушаххас**

Моҳи ноябри соли 2007 аз чониби Федератсия таҳлили тадқиқоти ҳаматарафаи «Қонунгузорӣ ва манбаи ҳуқуқии байналхалқӣ кӯмак ҳангоми ҲФ» нашр гардид. Дар ин тадқиқот манобеи ҳуқуқии байналхалқии воқеии марбут ба расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ва муайянкунии проблемаҳои масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар чараёни гузаронидани тадқиқот ва машваратҳои Федератсия зиёда аз даҳҳо ҳодисаҳо вобаста ба давлатҳо ё минтақаҳои алоҳида баррасӣ шудаанд. Бо тадқиқоти ин ҳодисаҳои мушаххас метавонед алоҳида шинос шавед.

**в. Маълумоти пурра «Қонунҳо, қоидаҳо ва принсипҳои расонидани кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ» (IDRL)**

Дар веб-сайти Федератсия зиёда 600 ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналхалқӣ роҷеъ ба расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ҷой дода шудааст. Ин маълумотномаи калонтарин дар соҳаи нави ҳуқуқӣ мебошад.

**г. Варақаи ҳармоҳаи иттилоотӣ ва нашри ахбори ҳарҳафтаина**

Барои ахборотдиҳӣ аз ҳодисаҳои рӯйдиҳанда, навигариҳои қонунгузорӣ дар бобати идоракунӣ ҳангоми ҲФ барои касоне ки оид ба масъалаҳои марбут алоқамандӣ доранд. Федератсия варқаи иттилоотии электрониро ҳармоҳаро нашр мекунаду ахбороти нашршударо дар ахбори ҳафтаинаи интернет-ахбор пахш мекунад.

# **Дастур** барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмак дар гузаронидани корҳои барқароркунии аввал

# Мундарича


## Пешгуфтор 10

Мақсад ва ҷодаи амаликунӣ 10
Муайянкунӣ 11

## Қисми I: Вазифаҳои асосӣ 12

3. Вазифаҳои давлатҳои зарардида 12
4. Вазифаҳои кӯмакрасонадагон 12
5. Вазифаҳои иловагии ҳамаи давлатҳо 13
6. Масъулияти фиристодани кӯмак ва мақсаднок истифодабарии захираҳо 13

## Қисми II: Саривақт хабардоркуни ва омодабошӣ 13

7. Саривақтхабардоркунӣ 13
8. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, қонунӣ ва ташкилкунӣ 13
9. Дастгирии минтақавӣ ва байналхалқии сохторҳои маҳаллӣ 14

## Қисми III: Иницирование ва қатъкунии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ ва корҳои аввалияи барқароркунӣ 14

10. иницерование кӯмак 14
11. иницирование кӯмак бо истифодаи қувваҳои мусалаҳ 14
12. Қатъкунии расонидани кӯмак 15

## Қисми IV: Ҳуқуқ барои гирифтани имтиёз 15

13. Имтиёзҳои давлатҳо барои кӯмакрасонандагон 15
14. Имтиёзҳо барои ташкилотҳои башардӯстие, ки кӯмак мерасонанд 15
15. Имтиёзҳо барои соир давлатҳои кӯмакрасон 15

## Қисми V: Имтиёзҳои воридшавӣ ва гузаронидани амалиёт 16

16. Кормандон 16
17. Ашёҳо ва таҷҳизотҳо 16
18. Ашёҳо ва таҷҳизотҳои махсус 17
19. Нақлиёт 18
20. Гирифтани мақоми шахси ҳуқуқии маҳаллии муваққатӣ 18
21. Андозбандӣ 19
23. Дарозкунии рӯзи корӣ 19
24. Хароҷотҳо 19

## Дастур барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда дар амаликунии корҳои барқароркунии аввал

## Муқаддимаи дастур

### 1. Мақсад ва доираи татбиқ

1. Дастури мазкур барои татбиқ ҳатмӣ нест. Муаллифон умедворанд, ки Дастур барои ҳукуматҳо роҷеъ ба такмили манобеии қонунгузорӣ, сиёсат ё қоидаҳои вобаста ба расонидани кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ мададрасон мебошад. Дар айни замон Дастури мазкур ба ҳуқуқ ва вазифаҳои феълии қонунгузории маҳаллӣ таъсири бевосита намерасонанд.

2. Асоси Дастури мазкурро як қатор қоида ва шартномаҳои байналхалқӣ, аз он ҷумла Қарори ассамблеяи генералии ТММ 46\182 аз соли 1991 ва 57\150 аз соли 2002 "Чораҳо оид ба расонидани кӯмаки байналхалқии фаврӣ аз 1977 ва нақшаи амалиёти Хиоги аз соли 2005" ташкил медиҳанд.

3. Дастури мазкур вазифадор аст, дар таъмини тайёрии ҳуқуқии миллӣ тавассути расонидани мадад ба ҳукуматҳо барои такмили қонунгузорӣ, манобеи меъёрӣ, ташкили сохтори инфравӣ вобаста ба кӯмаки байналхалқӣ ва корҳои барқароркунии давраи аввал, саҳмгузор бошад. Мавқеи асосии ҳукуматҳои маҳаллӣ ва тарафҳои иштирокчиро қайд карда, муайянкунандаи ҳадди аққали имтиёзҳо, ки барои давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқии кӯмакрасон пешниҳод мешаванду тайёранд мутобиқи стандартҳои ҳадди аққали ҳамоҳангсозӣ, сифат ва масъулият фаъолият намоянд. Муаллифон боварӣ доранд, ки Дастури мазкур дар кори баландбардории сифат ва самараи кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркунии давари аввал барои (манфиати) хушии ҷомеаҳои зарардида хизмат мекунад.

4. Дастури мазкур барои истифодабарӣ ҳангоми муноқишаҳои низомӣ ё ҳолатҳои фавқулоддаи дар чараёни муноқишаҳои низомӣ пайдошаванда муқаррар нашудааст. Дастури мазкур инчунин барои худ мақсад намегузорад, ки ягон тағйирот ба шартномаҳо ё ҳуқуқҳои байналхалқии феълӣ ё таъсирасонӣ ба моҳият ва тартиби истифодабарӣ дар матни мазкур пешниҳод кунад, ҳамчунин, ба таври бемаҳдудият:

(а) ҳуқуқи байналхалқии башардӯстӣ, ҳуқуқи инсон, қонун дар бораи гурезаҳо

(б) шаклҳои ҳуқуқӣ ва мақоми давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, Федератсия байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (Федератсияи байналхалқӣ), Кумитаи байналхалқии Салиби Сурх (КБСС)

(в) меъёрҳои байналхалқии пешниҳодкунандаи бартарият ва мухолифат

(г) Ойиномаи ва меъёрҳои Ҳаракати байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (Ҳаракат) инчунин шартномаҳои ҳуқуқии феълии байни аъзоёни Ҳаракат ва давлатҳо

(д) шартномаҳои амалкунандаи байни давлатҳо ё ки шартномаҳои давлатҳо бо ҷонибҳои кӯмакрасон

## 2. Муайянкуни (Таърифҳо)

Дар Дастури мазкур таърифҳои зайл қабул шудаанд:

1. “Ҳолати фавқулодда» вайроншавии ҷидди фаъолияти муътадилии ҷомеа, ки дар натиҷаи садамаҳои гуногун, фаъолияти одамон ё таъсири факторҳои табиии тасодуфан инкишофёфта ё дар натиҷаи ҷараёни тӯлонии ба ҳаёти одамон, тандурустӣ ва муҳити зист тахдид ворид мекунад, аммо мухолифати дохилӣ ҳисоб намешавад.
2. “Кӯмак ҳангоми ХФ” мавод ва хадамоте, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти зарурии ҷомеаи зарардида, пешниҳод мешавад.
3. “Корҳои барқароркунии аввалия” мавод ва хадамоте, ки барои барқароркунӣ ва беҳтаркунии шароити зисти ҷомеаи зарардида, то давраи бавуқӯъомадани ҲФ буданд, бо даъвати давлати зарардида эхтиёҷоти зарурии ҷомеаи зарардида қонеъ гардонида шудааст.
4. “Мавод” маводи харҷшудае, ки барои ҷомеаи зарардида аз ҲФ бо мақсади расонидани кӯмаки аввалия ё баъдан барқароркунӣ пешниҳод мешавад.
5. “Хадамот” фаъолияти (наҷотдиҳӣ ё кӯмаки тиббӣ) амалишавндаи мутахассисон вақти расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркунӣ дар заминаи аввал ба манфиати ҷомеаи зарардида мебошад.
6. “Таҷҳизот” воситаҳои моддии ба категорияи “мавод”, ки барои расонидани кӯмак ва барқароркунии корҳои марҳилаи аввал заруранд дохил намешаванд, чун воситаҳои нақлиёт ва воситаҳои алоқаи радиоӣ мебошад.
7. “Кормандон” ихтиёриён ва кормандони расонандаи кӯмак ҳангоми ҲФ ё дар марҳилаи аввали корҳои барқароркунӣ мебошанд.
8. “Давлати зарардида” давлате, ки дар ҳудудаш аҳолӣ ва моликияташ дар натиҷаи ҲФ зарар дидааст.
9. “Давлати кӯмакрасонанда” давлате, ки ҳангоми ҲФ ё корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал бо истифодаи қувваҳои шаҳрвандӣ низомӣ кӯмак мерасонад.
10. “Давлати фиристонанда” давлате, ки барои давлати зарардида кормандон, мавод ва таҷҳизот барои расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал мефиристонад.
11. “Давлати транзитӣ” давлате, ки дар доираи ҳуқуқии ҳудудаш кӯмак ҳангоми ҲФ ё корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал ба давлати зарардида мегузаранд ё аз он барои расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал тавассути ҳудудаш иҷозат гирифта мешавад.
12. “Ташкилотҳои башардӯстии расонандаи кӯмак” шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, минтақавӣ, байнидавлатӣ ё байналхалқии ғайритиҷоратие, ки фаъолияти мандатиашон барои расонидани кӯмаки башардӯстона, барқароркунӣ ва рушд равона шудааст.
13. “Ташкилотҳои башардӯстии расонандаи кӯмак, ки ҳуқуқ ба имтиёзро доранд” ташкилотҳои гуманитарии расонандаи кӯмак, ки ҳуқуқ ба имтиёзро мутобиқи Қисми V Дастури мазкур эътибор доранд, давлатҳои фиристонанда, транзитӣ ё давлатҳои зарардида то кадаом андоза қобили татбиқ меҳисобанд.
14. “Ҷонибҳои кӯмакрасон” ҳар як ташкилоти башардӯстии расонандаи кӯмак, давлати кӯмакрасон, шахсони воқеии хориҷӣ, ширкатҳои шахсии хориҷӣ ё намояндаи хориҷие, ки ба ҲФ дар ҳудуди давлати зарардида вокуниш кардаанд ё хайрия дар шакли мол ё маблағ пешниҳод кардаанд ва кӯмаки хайрия мерасонанд.

**3. Вазифаҳои давлатҳои осебпазир**

1. Вазифаҳои авалинадарачаи давлатҳои зарардида таъмини камкунии хатари таҳдиди ҲФ, расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар зинаи аввал дар ҳудуди худ мебошад. Ҷамъиятҳои милии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар пурракунандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ дар бахши башардӯстӣ инчунин намояндагони маҳаллии ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи асосиро дар дастгирии дар сатҳи маҳал мебозанд.
2. Агар давлати зарардида қарор кунад, ки имкониятҳо ва захираҳои худаш барои расонидани кӯмак дар ин ҲФ номуккамаланд, вай ҳатман барои қонеъгардонии талаботи шахсони зарардида ба кӯмаки минатқавӣ ва байналхалқӣ мурочиат намояд.
3. Давлати зарадида ҳуқуқи ҳамоҳангсозӣ, назорат ва идоракуни фаъолияти расонидани кӯмакро ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркуниро дорад, ки дар ҳудуди он ҷонибҳои кӯмакрасон мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ эътирофгашта, фаъолияти худро бо ҳокимиятҳои маҳаллӣ ҳамоҳанг созанд ва шарафи инсонҳои аз ҲФ зарардидаро ҳамеша эҳтиром намоянд.

**4. Вазифаҳои ҷонибҳои кӯмакрасон**

1. Ҷонибҳои кӯмакрасон ва коргарони онҳо бояд мутобиқи қонунгузориҳои миллӣ ва меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқи қабулшуда, амалиёти худро бо ҳокимиятҳои маҳаллӣ ҳамоҳанг созанду шарафи инсонии шахсонии зарардидаи дар натиҷаи ҲФ эҳтиром намоянд.

2. Ҷонибҳои кӯмакрасон бояд кафолат диҳанд, ки кӯмаки расонидаи онҳо дар ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал ба принсипҳои башардӯстӣ, бетарафӣ, беғаразӣ ва алалхус:

а) зарурияти расонидани кӯмак факат дар асоси талабот муайян карда мешавад;

б) кӯмак навобаста аз таассуби миллӣ, нажодӣ, насаби этники, ақидаҳои динӣ, оидияти синфӣ, ҷинс, маҳдудияти имкониятҳои шахсӣ, синну сол, ақидаҳои синфию сиёсӣ ба ҳамаи ашхоси аз ҲФ осебдида расонида мешавад;

в) кӯмак бе дастовардии ҳадафҳои сиёсӣ ва динӣ, мудохилат дар корҳои дохилии давлати зарардида ё ки гирифтани манфиатҳои тиҷоратӣ аз кӯмаки башардӯстона расонида мешавад;

г) кӯмак истифода намешавад, чун воситаи ҷамъии маълумотҳои махфии сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбии муносибат надошта барои расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал;

3. Чи қадаре ки кӯмаки онҳо ҳангоми ҲФ иҷрошаванда бошад ва гузаронидани колрҳои марҳилаи аввали барқароркунӣ бояд инчунин:

а) қонеъгардонии талаботи махсус, агар онҳо пайдо шаванд, занон ва гуруҳҳои озордида, ки кӯдакон, шахсони зуранкучонидашуда, кӯҳансолон, маҳудудиятҳои имкониятҳои шахсӣ ва одамони гирифтори ВИЧ ва соир бемориҳо
б) қонеъгардонии талаботҳои зарардидагон ва ҷавобгӯи сифатҳои станадртии байналхалқи;
в) ҳамоҳангсозӣ бо сиор намояндагони маҳаллӣ ва ҷонибҳои кӯмакрасон;
г) пешниҳодкунӣ ва амалишавӣ мутобиқи хусусиятҳои иҷтимоӣ, динӣ, маданӣ ва урфу одатҳо;
д) ҷалбкунии шахсони зарардида аз он ҷумла занон, кӯдакон ва куҳансолонро дар ҷараёни тартиби барномаҳои зайл, мониторинг ва баҳогузории ин гуна барномаҳо;
е) гузаронидани курсҳои омӯзишӣ барои кормандон;
ё) ҷавобгӯи имкониятҳои ташкилии онҳо;
ж) баландбардории қобиляти ҷомеаи маҳаллӣ, камкунии хатари пайдошавии ҲФ, вокуниш ба ҲФ ва бартарфкунии оқибатҳои ҲФ, инчунин камкунии ҲФ дар оянда;
з) ҳамин тавр барои камкунии таъсири манфӣ барои ҷомеаи маҳаллӣ, иқтисодиёти маҳал, бозори меҳнат, ҳалли масъалаҳои инкишоф ва муҳити зист...;
и) дар шароити шаффофияти пурра бо пешниҳоди маълумоти мутобиқ аз фаъолият ва маблағгузорӣ;

**<u>5.Вазифаҳои иловагии ҳамаи давлатхо</u>**

1. Давлатхои пешниходкунандаи маблаг барои чониби дигари кумакрасон бояд мутобики сарлавхаи 4 амал намоянд.

2. Хамаи давлатхо хатман фаъолона намояндагони чамъиятии тарфахоро иштирок дар расонидани кумаки байналхалки хангоми ХФ ё ки гузаронидани корхои баркароркунии дар мархилаи аввал бо дарназардошти имкониятхо, маблагхои хайрияви пешниход кунанд ё ин ки хамон ашёеро фиристонанд, ки аз зарурияти он давлати зарардида расман дархост карда буд.

**<u>6. Масъулияти фиристодани кумак ва максаданок истифодабари захирахо</u>**

1.Хамаи давлатхо ва ташкилотхои башардусти расонандаи кумак хатман хамкори бо максади пешгирии гайриконунии бозфиристи, номувофикии истифодабари ё калобби нисбати ашёхо, тачхизотхо ё ки захирахои ташкилкунандаи кумак хангоми ХФ ва гузаронидани корхои баркароркуни дар мархилаи аввал амал намоянд ва хангоми зарурият мутобики коидахо аз нав сар кунанд.

2. Давлатхои зарардида маблагхои пули ва ашёхои кумаки башардустона ба таври хайрия барои офати бавукуъ омада мутобики дархости кардашуда харч намоянд.

## Қисми II: Саривақт хабардоркунӣ ва омодабошӣ

7. **Саривақт хабардоркунӣ**

1. Бо мақсади камкунии ҳадди аққали таъсири номувофиқ ба давлатҳои ҳамсоя ва ҳадди аксари самаранокии ҳамаи кӯмаки байналхалқӣ аз давлатҳо талаб менамояд, то системаи фаврии тободули иттилоот оид ба ҲФ аз он ҷумла хатарҳои мерасидагӣ, ки барои пайдоиши ҲФ мусоидат мекунанд, бо хабардоркунии далатҳо ва ташкилотҳои кӯмакрасон аз он ҷумла танзимгари СММ оид ба расонидани кӯмаки фаврӣ огоҳ бошанд.

8. **Ҷанбаҳои ҳуқуқи, қонунӣ ва ташкили**

1. Ба сифати қисми таркибии барномаи калонҳаҷми камкунии хатари ХВ давлатҳо бояд қонунҳои комплекси барномаи ташкилии амалиёт қабул намоянд, инчунин системаи банақшагирии пешгирии ҲФ, камкунии таъсири номатлуби ҲФ, тайёри ба ҲФ, кӯмак ҳангоми ҲФ ва бартарафкунии оқибатҳои ХВ–ро тартиб диҳанд, мавқеи кӯмакрасонии Ҷамъиятҳои миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба инобат гиранд ва имконият диҳанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар беҳбудӣ ва барқароркунии ҳаёташон саҳм гиранд. Давлатҳо бо дастгирии ташкилотои минатақавӣ ва байналхалқӣ, агар зарурият бошад, маводи басанда барои самаранок таъмикунии барномаи амалиёт ҷудо менамоянд.
2. Барномаи амалиёт чараёни ташкилӣ, гузаронидан ва идоракунии кӯмаки байналхалқиро ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои аввалини барқароркуниро мутобиқи нишондодҳои Дастури мазкур ба инобат мегирад. Онҳо бояд шароити мусоид барои ҳамоҳангсозии кӯмаки байналхалқии ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои аввалияи барқароркуниро бо дарназардошти мавқеи танзимгари барномаи СММ оид ба расонидани кӯмаки фаврӣ ҳамчун ҳалқаи пайвасткунандаи марказии байни давлат ва ташкилотҳои башардӯст ҳангоми гузаронидани амалиёти СММ оид ба расонидани кӯмаки фаврӣ фароҳам оранд. Онҳо бояд мавқеи сохторҳои давлатии маҳаллию масъул ва доираи ваколати онро муайян кунанд. Масъалаи имкониятҳои ташкили маркази хамохангсозиро барои алоқаи доими доштан бо намояндагони байналхалқӣ ва сохторҳои ҳукуматӣ дар ҳамаи сатҳо дошта бошанд.

9. **Дастгирии минатқавӣ ва байналҳалқии сохторҳои маҳаллӣ**

1. Бо мақсади баландбардории иқтидор барои барқароркунӣ ва камкунии талаботи кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ХВ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаҳои аввал, ҷомеаи байналхалқӣ аз он ҷумла донорҳо, сохторҳои минтақавӣ ва соир сохторҳоро зарур аст, давлатҳои рӯ ба инкишоф, намояндагони ҷомеаи шахрвандӣ ва Ҷамъиятҳои миллии

Дастур барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмак дар гузаронидани корҳои барқароркунии аввал

Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмари ин давлатҳоро бо мақсади баландбардории тайёри ба ҲФ, имконияти огоҳкунии ҲФ, вокуниш ба ҲФ ва камкунии оқибатҳои номатлуби ҲФ бо қувваи худ доштаро дастгирӣ намоянд.

2. Ҷомеаи байналхалқӣ бо мақсади баландбардории қобиляти давлатҳои рӯ ба инкишоф дар сатҳи зарурӣ барои воридкунии қонунҳо, сохторҳои меъёрӣ ва ташкилӣ барои идоракунии кӯмаки байналхалқӣ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал бояд давлатҳои рӯ ба инкишофро дастгирӣ кунанд. Ин дастгирии давлатҳо бояд байни ҷонибҳои иштирокчӣ ҳамоҳанг шавад.

## Қисми III: Ташкилкунӣ ва қатъкунии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал

### 10. Ташкилкунии кӯмак

1. Расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё ки _гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал танҳо баъди мувофиқаи давлати зарардида ва умуман баъди мурочиати давлати зарадида шурӯъ мешавад. Давлати зарардида бекашолкорӣ бояд қарори мурочати кӯмакро барои ҲФ ё ки гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал қабул намояд. Қабули қарори зайл дар натиҷаи баҳогузорӣ (муайянкунӣ) мӯҳоҷияти давлати осебдида асос ёфта бошад. Зарурияти имконияти гузаронидании муайянкунӣ мӯҳоҷиятро дар якҷоги бо СММ ва соир ташкилоҳои кӯмакрасон барраси карда шавад.
2. Дархост ва мурочиати кӯмак ҳадди аққал возеҳ бо нишондоди мушаххаси намуд ва миқдори ашё, хизматрасонӣ, захираҳои професионалӣ мутобиқи доштан ва зарурият пешниҳод мешавад. Давлати осебдида метавонад намуди ашё ва хизматрасониеро, ки зарурият надоранд, аммо эҳтимолияти пешниҳодашон мавҷуд аст, нишон диҳад.
3. Давлати харобгардида вазифадор аст, ки барои ҷонибҳои кӯмакрасон иҷозати ба маълумоти саҳеҳ оид ба қонунгузориҳо ва санадҳои меъёрии маҳаллии марбут ба воридшавӣ ба мамлакат ва амаликунии амалиёти расонидани кӯмакро ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввалро доранд, муҳайё созад.

### 11. Ташкилкунии кӯмак бо истифодаи қувваҳои мусаллаҳ

Кушоиши қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал танҳо баъди даъвати давлати зарардида ва арзёбии роҳҳои дигар дар намуди истифодаи воситаҳои шаҳрвандӣ амалӣ мешавад. То давраи кушоиш, байни давлати зарардида ва давлати кӯмакрасонанда мувофиқаи мӯҳлат ва шароит, бо дараназрдошти ҷанибаҳои мӯҳлати мавҷудияташон (буданашон), доштан ё надоштани аслиҳа, истифодабарии либоси миллии низомӣ ва роҳҳои ҳамкорӣ бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ маслиҳат мешавад.

**12. <u>Қатъкунии кӯмакрасонӣ</u>**

Вақте ки давлати зарардида ё ҷониби давлати кӯмакрасон тасмими қатъкунии кӯмакрасонии ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркуниро мегиранд, онҳо бояд огоҳинома пешниҳод намоянд. Бо гирифтани огоҳинома давлати зарардида ё ҷониби давлати кӯмакрасон бо дарназардошти таъсири қатъкунии кӯмак ба ҷомеаи зарардида машварати якҷоя мегузаронанд.

## Қисми IV: Ҳуқуқи гирифтани имтиёзҳо

**13. <u>Имтиёзҳо барои давлатҳои кӯмакрасон</u>**

Давлатҳои зарардида ва транзитӣ барои давлатҳои кӯмакрасони ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунӣ ҳадди аққали имтиёзҳои дар қисми V дарҷ шударо пешниҳод кардан тавсия мешавад.

**14. <u>Имтиёзҳо барои ташкилотҳои башардӯстии кӯмакрасон</u>**

1. Субъекти ҳуқуқи байналхалқии феълӣ будан, давлатҳои интиқолкунандаи кӯмак, давлатҳои транзитӣ ва зарардида ҳуқуқ доранд муайян кунанд, ки кадом кадом ташкилотҳои башардӯстӣ ҳуқуқи имтиёзҳои дар қисми V дарҷшударо вобаста ба кӯмакрасониашон ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввалро доранд.

2. Барои давлатҳо тавсия мешавад, ки меъёрҳоро оид ба гирифтани ҳуқуқи имтиёзҳо барои ташкилотҳои башардӯстии кӯмакрасон барқарор кунанд. Дар номгӯи ин меъёрҳо бояд номи ташкилотҳое, ки омодагӣ ва имконияти риояи вазифаҳои дар сарлавҳаи 4 Дастури мазкур дарҷшударо доранд, ворид карда шаванд.

3. Дархостҳои иловагие, ки ба ташкилотҳои башардӯстӣ кӯмакрасон пешниҳод мешаванд, набояд корҳои расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркуниро душвор кунанд.

4. Қабули қарори давлат оид ба соҳибшавии ҳуқуқи гирифтани имтиёзҳо бояд то ба вуқӯъ омодани ҲФ ё ҳар чи зудтар баъди сарашвии он дода шавад. Қоида ва механизмҳои мувофиқ бояд ҳадди аққал содда ва амалӣ бошанду маълумоти онҳо пурра дастрас бошад. Бинобар фехрасти миллӣ, шартномаҳои дутарафа ё системаи акредатсияи байналхалқӣ ё минатқавӣ, агар вуҷуд дошта бошанд, истифода мешаванд.

5. Нигоҳдории ҳуқуқ ба имтиёзҳои дар қисми V дарҷшуда бояд дар тобеияти иҷрои зерқисми 2 сарлавҳаи мазкур бошанд. Аммо ҳуқуқ ба имтиёзҳо бе иҷозат, бе огоҳкунӣ, бо таърихи рӯзи қаблӣ ё мувофиқи шароит тағйир дода намешавад.

**15. <u>Додани имтиёзҳо барои соир ҷонибҳои кӯмакрасон</u>**

Мутобиқи дархост, давлати зарардида метавонад қарори пешниҳоди имтиёзҳои дар қисми V дарҷшударо барои ҷонибҳои кӯмакрасон бағайр дар сарлавҳаҳои 13-14 нишондодашударо барои ширкатҳои шахсии кӯмаки башардӯстона пешниҳодкунанда тақид намояд, ба шарте ки ин ба фаъолияти ташкилотҳои башардӯстӣ ё давлатҳои кӯмакрасон таъсири манфӣ намерасонад.

Ҷониби гирифтаи чунин имтиёзҳо бояд ҳадди аққал шартҳои дар сарлавҳаи 14 дарҷшударо риоя намояд.

# Қисми V: Шартҳои имтиёзии дохилшавӣ ва гузаронидани амалиёт

Барои давлатҳо тавсия мешавад, ки имтиёзҳои дар сарлавҳаи 16-24 дарҷшударо барои ташкилотҳои башардӯстии кӯмакрасон ва давлатҳои кӯмакрасон пешниҳод намоянд. Пешниҳоди чунин имтиёзҳо бо дарназардошти амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, тандурустии ҷомеа ва нигоҳдории муҳити атрофи зист ва инчунин меъёрҳои ҷамъиятии ахлоқии давлатҳои фиристонандаи кӯмак, давлатҳои транзитӣ ва зарардида амалӣ мешаванд. Чораҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои номбаршуда ба ҳолати фавқулоддаи мушаххаси фаврӣ мутобиқат кунанд ва ҷавобгӯи қонеъгардонии талаботҳои ҷомеаи зарардида бошанд. Дар ҳолате ки ҳуқуқи гирифтани имтиёзҳои тавсияшудаи ҳуҷҷати мазкур ба салоҳияти мақомоти дигар бағайри хукумати миллӣ вобастагӣ доранд, бо даранзардошти имкониятҳо ва мақсаднокӣ ин мақомотҳоро вазифадор бояд кард, ки имтиёзҳои барои давлатҳои кӯмакрасон ва қонеъгардонии меъёрҳои мутобиқати ташкилотҳои башардӯстиро пешниҳод намоянд.

## 16. Кормандон

1. Намояндагони давлатҳо ва кормандон ташкилотҳои башардӯстии кӯмакрасони ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ ҳуқуқи барои имтиёзро доштагӣ давлати зарардидаро лозим аст:

а) раводид ва иҷозатномаҳои зарурӣ барои амаликунии фаъолияти меҳнатӣ (ба таври ройгон) бо мӯҳлати дарозшуда бебаромадан аз ҳудуд бо зарурияти дар ҳама вақт расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ ё анҷомдиҳии корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал пешниҳод намояд.

б) дар ҳолати расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ, доштани раводид ва иҷозатномаи амаликунии фаъолияти меҳнатӣ бекор карда шавад ё мӯҳлати гирифтанашон ба таври соддатар ва оҷилӣ бошад.

в) тезонидани қоидаҳои муваққати эътирофи касбӣ-ихтисосии кормандони тибии хориҷӣ, меъморон, муҳандисон, шаҳодатномаи ронандагӣ ва соир иҷозатномаҳою сертификатҳо, ки барои иҷрои вазифаи расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ ё анҷомдиҳи корҳои барқароркунии марҳилаи аввал ва онҳое ки давлати кӯмакрасон эътироф шудаанду ё ҳуқуқи истифодаи имтиёзҳоро ҳамчун ташкилоти башардӯстӣ дар давраи зарурияти расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё анҷомдиҳи корҳои барқароркунии марҳилаи аввал доранд, барқарор намояд.

г) иҷозати озодона рафту омад кардан дар ҳудуди маҳалли зарардида аз офат ва баромадан аз ҳудуд бо дарназардошти талаботи таъмини амнияти кормандони расонандаи кӯмак ҳангоми ҲФ ва анҷомдиҳии корҳои барқароркунии аввалияро таъмин намояд.

2. Бо даъвати давлати кумак равонкунанда, давлати таранзитиро зарур аст, ки будани раводид ё фавран додани раводиди даромадан ё транзитиро ба таври ройгон барои кормандони ҳуқуқи имтиёз доштаи ташкилотҳои башардӯстии кӯмакрасонада ё анҷомдиҳии корҳои барқароркунии аввалия ҳал намояд.

3. Давлати кӯмакрасонанда ва дорандаи ҳуқуқ барои имтиёзҳои ташкилоти башардӯстӣ зарурияти баррасии то кадом андоза дар ҳалли масъалаи расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё анҷомдиҳии корҳои барқароркуни дар марҳилаҳои аввал имконияти қабули кормандони маҳаллӣ мавҷуд мебошад.

**<u>17. Мол ва таҷҳизот</u>**

1. Мол ва таҷҳизоти барои расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё анҷомдиҳии корҳои барқароркуни дар марҳилаҳои аввал, воридкунӣ ё содиркунии худи давлатҳо, ташкилотҳои башардӯсти расонандаи кӯмак дорандаи имтиёзҳо ё бо супориши давлати фиристонанда, давлатҳои транзитӣ ва зарардидаро зарур аст:

а) аз ҳамаи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо, боҷи давлатӣ озод карда шаванд.
б) аз ҳамаи маҳдудиятҳои воридотӣ, содиротӣ ва транзитӣ озод карда шаванд.
в) соддакунии мазмун ва камкунии ҳаҷми ҳуҷҷатҳои барои воридот, содирот ва транзит зарурбуда
г) иҷозати содиркунии ҳама гуна таҷҳизот ё моли истифоданашударо, ки давлати кӯмакрасонанда ё ташкилоти башардӯстии кӯмакрасонанда хоҳиши нигоҳ доштан мекунанд.

2. Фақат нисбати мол ва таҷҳизоти барои расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ марбутанд, давлати фиристонандаи кӯмак ва инчунин давлатҳои транзитӣ ва зарардида вазифадоранд:

а) соддакунӣ ё бекоркунии талаботҳои тафтишотӣ дар ҳолате ки бекоркуни ғайриимкон аст, гузаронидани муоинаи гумрукии мол ва таҷҳизотҳои барои расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ пешбинишуда ба таври фаврӣ бо истифода, агар мувофиқи мақсад бошад, қоидаҳои муоинаи пешакӣ

б) ташкили идораи тафтишот ва сардиҳии бор дар вақти ғайрикорӣ ё дар ҷойҳои берун аз муоинаи гумрукӣ агар имконият бошад, барои минимизатсияи вақти нигоҳдошта шуда мутобиқи меъёрҳои амниятии давлати зарардида. Давлати кӯмакрасон ва дорандаи ҳуқуқ ба имтиёзҳои ташкилоти башардӯстиро зарур аст, ҳидоятҳои давлати зарардидаро нисбати хати сайр ва нуқтаҳои қабули борро риоя намояд.

3. Бо мақсади самаранок истифодабарии имтиёзҳои номбурда давлатҳои кӯмакрасон ва ташкилотҳои башардӯстии кӯмакрасонро лозим аст, мутобиқи меъёрҳои байналхалқӣ, ба тарзи лозима печонда бастан, бо намудҳо ҷудо кардан, тамға задани бор ва таҷҳизоти барои расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ гузаронидани корҳои барқароркунӣ марбутанд, бо деклоратсияи муфассал барои ҳар як бор пешниҳод шаванд.

Барои онҳо зарур аст, ки тафтишоти иловагии ҳамаи бор ва таҷҳизотҳоро бо мақсади таъмини сифати онҳо мутобиқи талаботҳои давлати зарардида ва дархости қонунгузории миллии давлати осебдида ва меъёрҳои байналхалқӣ гузаронанд.

4. Давлатҳои расонадаи кӯмак ва ташкилотҳои башардӯстии дорандаи имтиёзҳо бояд масъулияти овардан ё нобудкунии бори нолозимаро ба сифати кӯмак ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал, алалхусус агар ин бор барои саломатӣ ё амнияти одамон ё муҳити атроф хатар ворид кунанд, ба души худ гиранд.

**<u>18. Молҳои махсус ва таҷҳизотҳо</u>**

Илова ба имтиёзҳои дар сарлавҳаи 17 нишон додашуда

1. Давлати осебдида бояд муваққатан ҳақонияти бақайдгирии хориҷиён ва рақамҳои воситаҳои нақлиёти давлатҳои кӯмакрасон бо худ овардаашон ва ташкилотҳои башардӯсти расонандаи кӯмак дорандаи имтиёзҳо ё бо супориши онҳо, дар ҷараёни расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввалро эътироф намояд.
2. Давлати зарардида бояд додани ҳама гуна литсензияҳоро бекор кунад ё ба дараҷаи ҳадди ақкал гирифтани иҷозатномаҳоро тезонад ва монеагиҳои дигари воридоту содироти воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва таҷҳизотҳои иттилоотиро барои давлатҳои кӯмакрасон ё ташкилотҳои башардӯстӣ ё ин ки бо супориши онҳо ҳангоми расонидани кӯмаки ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал истифода мешаванд. Ҳуқуқҳои намояндагони ҷомеаи маҳаллиро маҳдуд накарда, ба онҳо таъсири манфӣ нарасонида давлати зарардидаро лозим аст, ки барои давлатҳои кӯмакрасон ё дорандаи имтиёзҳо ташкилотҳои башардӯсти ҳуқуқӣ аввалиндараҷаи истифодаи қисми фазо, мавҷҳои ҳавоӣ, зудӣ, системаи радифии алоқа барои алоқаи минбаъда ва додании маълумотҳо аз ҷараёни амалиёти расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ-ро пешниҳод намояд (ё агар мувофиқи мақсад бошад, соир намояндагони маҳаллиро даъват намояд).
3. Давлати фиристонадаи кӯмак, давлати транзитӣ ва зарардида бояд монеагиҳои ҳуқуқӣ ва идоравӣ, содирот, воридот, транзитии доруворӣ ва таҷҳизотҳои тиббиро барои давлатҳои кӯмакрасон ва дорандаи имтиёзҳо ташкилоти башардӯстӣ ё ин ки бо супориши онҳо ҳангоми расонидани кӯмаки ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал то чи андоза ин ҷавобгӯи амниятии ҷомеа ва ҳуқуқҳои байналхалқӣ мебошад. Давлатҳо ва ташкилотоҳои дорандаи имтиёзҳои кӯмакрасони ҳамаи чораҳои зарурииро барои таъмини сифат мутобиқат ва бехатарии ҳамаи дорувориҳо ва таҷҳизотҳои тиббӣ аз он чумла:

а) ҳама гуна дорувории воридшаванда бояд иҷозати истифодабариаш хам дар давлати фиристонанда ва ҳам дар давлати зарардида бошад;

б) дорувори дар фаъолияташон истифода мебурдаги, бояд:

- дар шароити мувофиқ интиқол ва нигоҳдорӣ шаванд, бо мақсади нигоҳдории сифаташон
- аз ғайри мақсад истифодабарӣ ва суистеъмол ҳимоя шаванд

г) доруворие, ки ройгон барои давлатҳои зарадида пешниҳод мешавад, бояд:

- мӯҳлати истифодааш ҳадди аққал аз замони дохилшави 12 моҳ бошад, агар дигар мувофиқаҳо бо ҷониби мақомотҳои давлати қабулкунанда набошанд
- дар шароити мувофиқ интиқол ва нигоҳдори шаванд, бо мақсади нигоҳдории сифаташон аз лаҳзаи воридшавӣ ба давлати зарардида
- нишонаҳо даркори забони дошта бошанд, то ки барои аҳолии давлати зарардида фаҳмо бошанд, бо нишондоди номгӯи непотентии байналхалқӣ, рақами барориш, шаклҳои доруворӣ, консентратсия, номгӯи истеҳсолкунанда, чанд дона дар баста, шароити нигоҳдорӣ ва мӯҳлати истифода

4. Давлати фиристонанда, транзитӣ ва давлати зарардидаро зарурияти баррасии масъалаҳои имконияти тағйирдиҳӣ ё камкунии таалботҳо ба фимугация ва инчунин гирифтани мамнуъги ва маҳдудият ба содироту воридот хурокворӣ давлатҳо ва ташкилотҳои башардӯстии дорандаи имтиёз, расонадаи кӯмак ҳангоми ҲФ

**<u>19.Наклиёт</u>**

1. Барои давлатҳои фиристонанда, давлатҳои тарнзитӣ ва зарардида бемонеаги иҷозати ҳавоӣ, бахрӣ ва нақлиёти заминиро бояд пешниҳод намояд, ки таҳти роҳбари намояндагони давлатҳои кӯмакрасон ва дорандаи имтиёзҳо ташкилотҳои башардӯстӣ ё бо супориши онҳо бори кӯмаки ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунии марҳилаи аввалро меоранд.

2. Алалхусус иҷозати нишасту хестан, парвоз дар ҳудуд бояд дода шавад.

3. Ҳамагуна намуди раводиди (даромадан, транзитӣ..) барои кормандон ва идоракунандагони воситаҳои нақлиётӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бояд дода шаванд.

**<u>20. Гирифтани макоми шахси ҳуқуқии маҳаллии муваққатӣ</u>**

1. Давлатҳои осебдида барои давлатҳои кӯмакрасон ва дорандаи ҳуқуқи имтиёзҳои ташкилотҳои башардӯсти кӯмакрасон бо омаданашон ё дар мӯҳлати кӯтохтарин баъди омаданашон мақоми шахси ҳуқуқиро пешниҳод намоянд, то ки фаъолияташонро ба таври қонунӣ дар ҳудуди мамалакат амалӣ намоянд, суратҳисоби бонкиро кушоянд, қарордоду шартномаҳои иҷоравӣ банданд, моликияти шахсиро соҳиб шаванд, дар корҳои судӣ бо мақсади расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои бароқароркунии марҳилаи аввал иштирок кунанд.

2. Барои давлатҳо ва ташкилотҳои башардӯстии имтиёз доштаи кӯмакрасон зарурияти пешниҳоди бемонеагӣ ба таври қонунӣ баровардан ва овардани мабалғҳои лозимаи пулӣ ва арзӣ ва истифодаи расмии курси табодули арз вобаста ба расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунии марҳилаи аввалро доранд.

3. Давлатҳои осебдида барои давлатҳои кӯмакрасон ва дорандаи ҳуқуқи имтиёзҳои ташкилотҳои башардӯсти кӯмакрасон иҷозати расман ба кор қабулкунӣ ва аз кор озодкунӣ кормандони маҳаллиро диҳанд.

**21. Андозбандӣ**

Давлати зарардида бояд давлат ва ташклоти башардӯсти кумакрасонро аз НДС ва соир андозҳо, ки ба расонидани кӯмаки ҳангоми ҲФ ё гузаронидани корҳои барқароркунии марҳилаи аввал вобастагӣ доранд, озод намояд

**21. Бехатарӣ**

Мамлакати зарардида бояд чораҳои зарури барои ҳимоя ва таъмини амнияти намояндаи давлатҳо ва кормандони имтиёзи ҳуқуқ дошта барои расонидани кӯмак ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва гузаронидани корҳои аввали барқароркунӣ, инчунин биноҳо, иншоотҳо, воситаҳои нақлёт, таҷҳизотҳо ва борҳо, истифодабарӣ вобаста ба расонидани кӯмак ҳангоми ҳолатҳои фавқулода гузаронидани корҳои барқароркунии марҳилаи аввал. Ба мамлакатҳо ва ташкилотҳои гуманитарии ёрирасон бояд ба инобат гиранду банақшагирӣ ва гузаронидани амалиётҳои худӣ барои камкунии таҳдиди бехатарӣ чораҳои мувофиқ андешанд.

**23. Дарозкунии рӯзи корӣ**

Дар ҳолати зарурӣ ба мамлакатҳои зарардида лозим аст, ки дар соатҳои ғаирикорӣ фаолияти идораҳои давлатӣ ва хадамоти кориро барои саривақт расонидани кӯмаки байналхалқӣ дар ҳолати фавқулода, таъмин намоянд.

**24. Хароҷот**

1. Хароҷот дар расонидани кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ё ин ки гузаронидани корҳои барқароркунии марҳилаи аввал мутобиқи дастури мазкур аз ҳисоби давлати кӯмакрасон ё ташкилоти башардӯстӣ пардохт мешавад. Воқеан давлатҳои кӯмакрасон метавонанд пешакӣ бо давлати осебдида дар бораи рӯйпуш ё барқароркунии харочотҳои кардашуда ё гирифтани таҷҳизотҳо барои истифодабарӣ мувофиқа кунанд

2. Мамлакати осебдида ҳолати бавқӯъомодаро бояд арзёбӣ намояд, то кадом дараҷа қобили қабул, вақте ки ҳокимятҳои онҳо давлатҳои кӯмакрасонандаро ва ташкилотҳои башардӯстӣ ҳуқуқи имтиёздоштаро намудҳои хизматрасониро бо таври имтиёзӣ ё ройгон имконияти пешниҳод кардаро доранд. Номгӯи хизматҳо инҳоянд:

а) хизмати нақлиётӣ ва ширкатҳои ҳавоии миллӣ

б) истифодаи замин ва биноҳо барои ташкили корҳои идорӣ ва анбор

в) пешниҳоди таҷҳизотҳои боркунӣ ва борфарорӣ ва кӯмак дар таъминоти моддӣ-техникӣ

# Қатъномаи (Резолютсияи) № 4-и

## 30-юмин Конференсияи Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (аз ноябри соли 2007) дар бораи тасдиқи Дастур барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмак дар гузаронидани корҳои барқарорсозии шароити аввалияи зиндагӣ

**Қатъномаи (Резолютсияи)** 4 - уми 30-юмин Конференсияи Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар бораи тасдиқи Дастур барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмак дар гузаронидани корҳои барқарорсозии шароити аввалияи зиндагӣ
(ноябри соли 2007)
30 –юмин Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар бо
**ташфиш изҳор менамояд**, аз аҳволи танги шахсони ба кӯмаки фаврӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодда ва баъдан ба зарурияти гузаронидани корҳои барқароркунӣ баъдан ниёз доранд;
**тасдиқ менамояд,** вазифаи аввалинадарачаи иноснийт ва чомеаи чаҳонӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ҳимоя ва беҳбудии ҳар кас ва инчунин риояи ҳуқуқҳои асосии инсон мутобиқи Декларатсияи принсипҳои расонидани кӯмаки башардӯстонаи байналхалқӣ ба шаҳрвандон ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда мебошад ва дар 21 –умин Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар соли 1961 қабул шудааст;
**ба хотир меорад,** Ҳаркати Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ҳуқуқи бунёдии инсонро дар чӣ тавр пешниҳод шудан ва ҳамон тавр қабул намудани кӯмаки башардӯстона мутобиқи Принсипҳо ва қоидаҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар оид ба расонидани кӯмак ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда дар таҳрири 26 –умин Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар соли 1995 меҳисобад;
**қайд мекунад,** ки маъракаҳои расонидани кӯмак ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда нишонаҳои ҳамфикрии байналахалқӣ мебошанду расонидани чунин кӯмакҳо барои мустаҳкамкунии муносибатҳои байни халқҳо мусоидат мекунанд ва дар мустаҳкамкунии сулҳ дар тамоми чаҳон мутобиқи резолютсия 18-20 –уми Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, соли 1965 саҳм мегузоранд;
**қайд мекунад,** ки Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид чандин борҳо зарурияти расонидани кӯмаки башардӯстонаро ба зарардидагони фалокатҳо минчумла резолютсияи 46\182, соли 1991, 43\131 соли 1988, 57\150 соли 2002 ва резолютсияи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 32\56 соли 1977 қайд кардааст ва резолютсия 6-23 –умин Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти расонидани кӯмаки байналхалқӣ "Чораҳо барои расонидани кӯмаки фаврии байналхалқӣ" қарор қабул кардааст;
**ба хотир меорад**, ки қабули чомеи чаҳонӣ дар соли 2000 дар доираи Декларатсияи ӯҳдадориҳои ҳазорсола оид ба рушди ҳамкорӣ ба мақсади камкунии шумора ва таъсири офатҳои табиӣ, фалокатҳои техногенӣ ва дар доираи деклоратсияи Хиогӣ ва нақшаи фаъолияти соли 2005 роҷеъ ба ӯҳдадориҳои такмили сохторҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии омодагӣ ба ҲФ бо мақсади баландбардории имкониятҳои барқароркунӣ ва самаранок эътиногирӣ дар ҳамаи сатҳҳо қабул шудаанд;
**маъқул шуморида қайд мекунад,** тачрибаи амалии бисёр давлатҳоро дар ташкили кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар марҳилаи аввал бо зарурияти пайдошавиашон;

**маъқул мешуморад**, рушд аз ташкили фаъолияти гурӯҳҳои машаваратии байналхалқии начотдиҳӣ бо дастгирии Раёсати СММ дар ҳамоҳангсозии масъалаҳои башардӯстӣ ва кӯшишҳои ташкилотҳои башардӯстӣ барои ташкили меъёрҳои ҳадди аққали сифат ва масъулият, инчунин механизмҳои расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ аввалия, ба мисли Кодеки Ҳаракати байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ) оид ба гузаронидани амалиёти кӯмак ҳангоми офат- соли 1949, Хартияи башардӯстӣ ва меъёрҳои ҳадди аққали расонидани кӯмак ҳангоми офат "Сфера" дар таҳрири соли 2004;

**ёдрас мешавад,** ки ҳадафҳои чамъбастии 2.1.1 27 –умин Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар соли 1999, даъвати давлатҳоро дар бораи зарурияти ҳамроҳ шудан ба системаҳои байналхалқӣ ҳангоми вокуниш ба ҲФ дар нақшаҳои миллии омодаги ба ҲФ, инчунин аниққунии мавқеъ ва вазифаҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар бо дарназардошти мутобиқи мақомоти миллӣ бо ташкили сиёсӣ ва амаликунии ҳамоҳангсозӣ фаъолият;

**инчунин ёдрас мешавад**, ки мақсади ниҳоии 3.2 28 – умин Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар соли 2003 ва муайянкунии баландбардории хабардоркунӣ, беҳтар намудани фаҳмондадиҳӣ, қабулкунӣ ва ташкили қоида ва принсипҳои байналхалқии эътино ба ҲФ барои амаликунӣ ва такмили ҳамоҳангсозӣ мусоидат мекунанд ва таъмини саривақтии босифат, масъулияти фаъолияти байналхалқӣ оид ба эътино ба ҲФ саҳми амалӣ дар ҳимояи эътибори инсоният дар ҲФ мегузорад**;**

**қайд мекунад,** ки натичаҳои тадқиқоти Федератсияи байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмарро, ки маълумотномаи конфронси 30 IC/07/09 нишон медиҳад, ки инфрасохтори ҳуқуқии байналхалқӣ ва меъёрҳои расонидани кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ ба таври пурра истифода бурда намешаванд, ки баъзе қонунҳои миллӣ чавобгӯи меъёрҳои байналхалқӣ нестанд**;**

**эътироф менамояд,** ки шумораи зиёд иштирокчиён ва гуногунии намояндагони байналхалқӣ дар расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои барқароркунӣ, агарчӣ имкониятҳои нав пайдо кунанд, аммо баъзе душвориҳо дар самаронокии амаликунии кӯмак пайдо мешаванд ва таъмини пурракунии кӯмакҳои байналхлқӣ ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркунии аввал дар кӯшиши маҳаллӣ ва механизмҳои вокунишро пеш меоранд**;**

**эътирофи** истиқлолияти ҳуқуқуии давлати зарардидае, ки ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркунӣ мурочиат мекунад, қабул, ҳамоҳангсозӣ ва амаликунии ин кӯмак, инчунин мониторинги кӯмакро дар ҳудудаш доранд**;**

**ба эътибор гирифта шавад, м**авқеи асосии мутобиқати қонунгузориҳои маҳаллӣ ва сиёсӣ, ки чавобгӯи меъёр ва принсипҳои ҳуқуқҳои байналхалқӣ бошанд**;**

**1. Қабули** Дастури барои мадади дохилидавлатӣ ва батартибандозии кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмак дар гузаронидани корҳои барқарорсозии шароити аввалияи зиндагӣ;

**2. Аз давлатҳо даъват** мешавад, ки Датурро бо мақсади такмили инфросохтории ҳуқуқии миллӣ ва меъёри ташкили истифода баранд ва ҳангоми зарурияти тартиби шартномаҳои дутарафаи расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ба эътибор гирифта шавад, ки Дастур барои ягон ӯҳдадории ҳуқӯқӣ вазифадор намекунад;

**3. Қайд мекунад,** ки мутобиқи фаъолияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ ва гузаронидани корҳои аввалияи барқароркунӣ мазмуни дастур мутобиқи қоида ва принсипҳои Ҳаракат минҷумла Ойинномаи Ҳаракати байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар таҳрири 1995 ва 2006, Принсип ва қоидаҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар аснои расонидани кӯмак ҳангоми ҲФ дар таҳрири соли 1995, "Шартномаи Севил" дар ташкили ҳамкории байнияқдигарии сохторҳои Ҳаракати Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар миқёси байналхалқӣ аз соли 1997 ва чораҳои иловагӣ оид ба иҷрои "Шартномаи Севил" аз соли 2005 ба ҳуқуқҳои байниҳамдигарии азоҳои Ҳаракати давлатҳо таъсир намерасонад;

**4. Даъват мекунад,** давалтҳо, Федератсияи Байналхалқӣ ва Ҷамъиятҳои миллӣ Дастури мазкурро ба ташкилотҳои байналхалқӣ, минтақавӣ, байнидавлатӣ ва ғайридавлатие, ки дар бахши кӯмак ҳангоми ҲФ ва корҳои барқароркунӣ кор мекунанд, ба эътибор гиранд;

**5. Даъват мекунад,** Федератсияи Байналхалқӣ ва Ҷамъиятҳои миллӣ бо ҳамкории наздик бо СММ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ:

I паҳнкуни(таблиғи) – и Дастури мазкур ва истифодаи онро бо мақсади такмили ташкили инфросохтории ҳуқуқии вокуниш ба ҲФ истифода баранд;

II оид ба эътиборгирии Дастур барои ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии феълӣ ва дар ташаббуси идоракунии фалокат ва камкунии хатар, хусусан дар такмили стратегияи байналахлқии камкунии хатари офат (ISDR) ва платформаи минтаќавии он мусоидат кунанд;

III кӯшиши худро оид ба таҳқиқ, ҳимоя ва инчунин ташкили таҳкими ҳуқуқи омодагӣ ба ҲФ идома диҳанд;

**5. Даъват мекунад,** ки Федератсияи Байналхалқӣ ҳангоми гузаронидани машваратҳо бо Ҷамъиятҳои миллӣ ҳисоботро оид ба амаликунии резолютсияи 31-уми Конфронси Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар омода ва пешниҳод намояд.

# Донорҳои барномаи “Қонунҳо, қоидаҳо ва принсипҳои расонидани кӯмаки байналхалқӣ ҳангоми ҲФ” (IDRL)

## *2008-2009 (то давраи 1июли 2008)*

Australian Government
AusAID

Australian Red Cross

ADB Asian Development
FIGHTING POVERTY IN THE PACIFIC

DFID Department for International Development

BritishRedCross

FedEx®

Canadian Red Cross

Canadian International Development Agency

JAPANESE RED CROSS SOCIETY

# Принсипҳои бунёдии
# Ҳаракати Байналхалқии Салиби Сурх
# ва Ҳилоли Аҳмар

**Башардӯстӣ -** ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ки бахри кӯмакрасонӣ бидуни истисно ба ҳамаи маҷрӯҳони майдони муҳорибаҳо созмон дода шудааст, бо истифодаи ҳамаи имкониятҳояш дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба пешгирӣ ва сабукгардонии азобу шиканҷи мардум дар тамоми ҷаҳон кӯшиш мекунад.

**Беғаразӣ -** ҳаракат аз таассуби миллӣ, нажодӣ, динӣ ва ақидаҳои синфию сиёсӣ озод аст. Он барои сабук кардани азоби мардум мекӯшад, фақат эҳтиёҷмандии онҳоро ба назар мегирад ва пеш аз ҳама ба шахсони аҳволашон хеле вазнин кӯмак мерасонад.

**Бетарафӣ -** бо мақсади истифода аз эътимоди ҳамаи мардум ҳаракат дар амалиёти ҷангӣ тараферо ҷонибдорӣ намекунад ва ҳеҷ гоҳ ба баҳсу мунозираҳои сиёсӣ, нажодӣ, динӣ ё ғоявӣ дахолат намекунад.

**Мустақилӣ -** ҳаракат мустақил аст. Ҷамъиятҳои миллӣ дар амалиёти башардӯстонаи кишварҳояшон нақши мададрасониро иҷро карда, ҳачун шахсони ҳуқуқии давлатҳои худ барои мутобиқи Принсипҳои бунёдии ҳаракат амал кардан бояд мухторияти хешро нигоҳ доранд.

**Ихтиёрӣ -** ҳаракат ихтиёрӣ ва мақсадаш кӯмакрасонӣ буда, ҳеҷ гоҳ барои бадастовардани фоида кӯшиш намекунад.

**Ягонагӣ -** дар мамлакат танҳо як Ҷамъияти Салиби Сурх ё Ҳилоли Аҳмар арзи вуҷуд дошта метавонад. Дарҳои он бояд барои ҳама боз бошад ва фаъолияти башардӯстонаашро дар саросари қаламрави кишвар иҷро намояд.

**Фарогир (Ҷомеият) -** ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ки аз ҷамъиятҳои мақому масъулияташон баробар иборат аст, умумиҷаҳонист.

Якҷоя ба хотири башардӯстӣ

Федератсияи Байналхалқии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар бораи рушди фаъолияти башардӯстии ҷамъиятҳои миллӣ дар байни аҳолии бепаноҳ мусоидат мекунад.

Федератсияи Байналхалқӣ Ҷамъиятҳои миллӣ ва Кумитаи Байналхалқии Салиби Сурх қисмҳои асосии Ҳаракати Байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмарро ташкил медиҳанд.